**Такриз**

ба диссертатсияи Ализода Наврӯзалӣ дар мавзуи “Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09- Фолклоршиносӣ.

Таҳқиқ ва баррасӣ дар бораи “Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” як мавзуи муҳим ва асоснок аст, ки дар адабиёти муосир низ ин масала арзишманд ва қобили баҳс буда, таҳқики жанри зарбулмасал баёнгари аҳдофи миллӣ ва байналмилалӣ ба шумор меравад.

Ин масъала дар замони муосир аз он ҷихат мубрамият дорад, ки ба даст овардани истиқлоли халкҳои ҳамзабонони форсӣ ва ҳамҷавор дар пешрафти бахши адабиёти муосир накши созанда гузошта, ифодагари ҳунар, завку андеша ва тозакориҳо дар адабиёти гуфтории мардум мебошад.

Дар диссертатсияи Ализода Наврӯзалӣ дар мавзуи “Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” тадкик ва тарзу тарики ҷустуҷӯҳои бадеию ҳунарии мардуми Афғонистон, таърихи гирдоварӣ, нашр ва ҳамчунин хусусияти жанри мазкур ва муқоисаи зарбулмасалҳои даризабон ва ҳамзабонон, сохтор, бадеият, забон ва услуби баёни зарбулмасалҳои даризабони Афғонистон, арзёбии мантикии ташаккули истеъдоди мардум ва алоқаи эҷодиёт бо ақоиду андешаҳои иҷтимоиву фарҳангиву ҳунарӣ ва ҳаёти ҷамъиятиву адабии замон ва давраи муайяни таърихӣ ва махсусияти ҷараёни ташаккул ва таҳаввули жанри мазкур, ки аз масоили муҳими накди адабиётшиносии муосири даризабонон аст, мавриди пажуҳиши ҷиддӣ қарор гирифтааст.

Асосан, боби сеюми диссертатсияи муҳаққиқ дар бораи бадеияти зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон (вазн, қофия, радиф, саҷъ, воситаҳои тасвири бадеӣ - тавсиф, ташбеҳ, истиора, киноя, мавози (параллелизм), таҷнис, таносуб, талмеҳ, муболиға, муламмаъ, иҳом, тазод, илтифот, ирсоли масал, ҳусни

таълил, лаффу яке аз қисматҳое аст, ки дар он натиҷаи матлуб ба даст омадааст.

Ногуфта намонад, ки зарбулмасалҳо нақши асосӣ ва боризро дар зиндагии маъмулии мардум дар тули қарнҳо ҳамчун андарзу ҳикмат барои тарбияи мардум ва чун сабақи зиндагӣ бозидаанд. Аз ин ҷиҳат, ба таври густурда мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додани ин жанри хеле машҳури гуфторӣ аз ҳар ҷониб дорои аҳаммияти илмӣ мебошад. Чунки ин жанр на фақат барои панду андарзи одамон, балки ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар осори адибон низ ба таври фаровон ба кор рафтааст. Ҳамчунин, бархе аз мисраъ, байт ва ҷумлаҳои пандомези адибони даризабон низ чун зарбулмасал дар байни мардум густариш ёфтааст.

Таҳқиқи масъалаи мазкур аз он ҷиҳат ҳам мубрам мебошад, ки зарбулмасал машҳуртарин жанри фолклори мардуми даризабонони Афғонистон буда, дар ҳар ҳолат мавриди истифодаи мардум қарор мегирад.

Нуктаи муҳими дигар ин ки муҳаққиқ дар бораи мавқеи жанри мазкур дар ҳаёти маънавии тамоми қишри ҷомеа мисолҳои зиёде овардааст, аз кӯдак то пирамард, аз зан то мард, аз шоҳ то гадо, аз тавонманд то нотавон, аз сарватманд то фақир, ки ин ҳам дорои аҳаммият буда, дар ҳақиқат арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқро баланд мебардорад.

Вижагии дигари ин таҳқиқ дар он аст ки мавзуи мазкур бо шева ва методҳои илмӣ таҳқиқ ва баррасӣ шуда, инчунин услуби таҳқиқи майдонӣ низ кор гирифта шудааст.

Диссертатсия дар асоси сарчашма ва маводи тадқиқотӣ анҷомёфта буда, муқоисаи намунаҳои гуногуни зарбулмасалҳо ва таҳлили таълифоти гуногуни илмӣ ва тадқиқотӣ сурат гирифтааст.

Сохтор ва мундараҷаи диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, фаслу бобҳои диссертатсия мақсаднок номгузорӣ шудааст, ки аз муҳиммият ва пурарзишии тадқиқот дарак медиҳад.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллиф низ бар асоси манобеи пурарзиши назарӣ ва тадқиқотӣ сурат гирифта, дар маҷмуъ

ҷанбаҳои мушаххаси зарбулмасалҳоро дар фарҳанги гуфтории мардуми даризабонони Афғонистон равшан месозад. Манбаъ ва осори илмию бадеии фаровон истифода гардида, низоми корбурди он тибқи талабот ҷараён гирифтааст.

Бо назардошти андешаҳои болоӣ, диссертатсияи номзадии Ализода Наврӯзалӣ дар мавзуи "Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон" тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дифоъ пешниҳод карда мешавад.

Доктори илми филология,
профессори кафедраи назария
ва таърихи адабиёти тоҷик Абдусамад Муллоев

Имзои А.Муллоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С.Аинӣ А. Мустафозода
24.05.2023